Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)
E-mail:faridullo72@mail.ru

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Зоҳири Тоҷидин дар мавзуи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод карда шудааст.**

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми муҳим барои иҷрои вазифаҳои таҷдиди инфрасохторӣ, азнавсозии шаклҳои гуногуни фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ равона гардида, дар устувор намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ, ҷолибияти сармоягузориҳо ва баландбардории сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳо нақши калидӣ дорад. Аз ин сабаб, ҳангоми татбиқшавии шакли барномавии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо такмилдиҳии фишангҳои сиёсати минтақавӣ тавассути мунтазам таҳқиқ намудани механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо назардошти тағйирёбии унсурҳои асосии хоҷагиҳои ҷаҳонӣ мубраммияти хоса пайдо менамояд.

Таҷрибаи муосири рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон собит менамояд, ки иқтисодиёти минтақавӣ ҷузъи асосии иқтисодӣ миллӣ маҳсуб ёфта, шарикии давлат ва бахши хусусӣ воситаи самараноки ҷалби сармоягузориҳои ватанӣ барои татбиқи лоиҳаҳои рушди иҷтимоии минтақа, таъминкунандаи рақобати одилона байни субъектҳои иқтисодӣ ва татбиқкунандаи босуръати лоиҳаҳои инноватсионӣ мебошад.

Аз сохтори автореферати диссертатсия муайян намудан мумкин аст, ки Зоҳири Тоҷидин масъалаҳои калидии фарогири татбиқи сиёсати минтақавиро тавассути такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо пайдарҳамии мантиқӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, натиҷаҳои назариявӣ ва амалӣ ба даст овардааст.

Ташаккулёбии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дошта, дар асоси сохтори функсионалии идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ робитаҳои байни мақомотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ ҷиҳати тақвиятбахшии объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ роҳандозӣ гардидааст. Бахусус, муаллиф дар саҳифаи 10 автореферати диссертатсия дуруст баррасӣ намудааст, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун шакли мустақили ҳамкорӣ байни мақомотҳои марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, субъектҳои хоҷагидор, шаҳрвандони алоҳида ва гурӯҳи шахсони манфиатдори дорои истеъдоди соҳибкорию қобилияти бунёдидошта, дар заминаи принсипи асосии мутаҳидкунии захираҳо ва васоити гуногун фаъолият менамоянд. Ҳамзамон чунин робитаи байни мақомотҳои маҳаллиро бо бахши хусусӣ, аз ҷумла бо

соҳибкорони ватанӣ ва гурӯҳи одамони ташаббускорро дар ҳамасола зиёд гардидани объектҳои аҳаммияти иҷтимоидоштаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳур хуб асоснок намудааст.

Зоҳири Тоҷидин бо сабку услуби хоси таҳқиқоти бартариятҳои бахши давлатӣ ва хусусиро ҳатто дар ҳолатҳои маҳдудияти захираҳои молиявии давлатӣ барои амалишавии ин ё он лоиҳа ва бартараф намудани камбудиҳои бахши давлатӣ дар ҳамаи марҳилаҳои амалишавии лоиҳаҳои давлатӣ ва хусусӣ бо дарназардошти сармоягузории бахши хусусӣ муайян намуда, асоснок намудааст (саҳ.12).

Муаллиф вазъи муосири ташаккулёбии механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро дар заминаи сиёсати минтақавӣ таҳлил намуда, ҷолибияти онро дар пайдо намудани сарчашмаи молиявӣ ва таъмини рақобати озод арзёбӣ намуда, ҳамчун сарчашмаи молиявӣ ва иштирокчии татбиқкунандаи сиёсати минтақавӣ пешниҳод менамояд, ки ба субъектҳои соҳибкорӣ, корхонаҳо ва ассотсиатсияҳои соҳибкорон, ки дар минтақа фаъолият менамоянд, аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ аз як тараф ҳавасманд ва аз тарафи дигар ба онҳо имтиёзҳои мухсус ҷиҳати худрушдёбӣ дода шавад (саҳ.16).

Муаллиф роҳҳои асосии таъмини рушди иқтисодиёти минтақаро дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ муайян намуда, асоснок намудааст, ки ҳамаи сатҳҳои фишанги молиявӣ-иқтисодӣ дар алоқамандии якдигар амал намуда, инчунин таъсири минбаъдаи ҳар як фишанг аз натиҷаи амали сатҳи поёнӣ вобаста мебошад. Вобаста ба ин, муҳиммияти диверсификатсияи давраги ҷалби захираҳои молиявии механизми ШДБХ, ки дар шароити пайдошавии падидаҳои ғайричашмдошти молиявӣ-иқтисодии бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии молу хизматҳо чандирии бозории онро таъмин менамояд, маънидод намудааст (саҳ.22).

Дар маҷмуъ, автореферати Зоҳири Тоҷидин дар яке аз мавзуи мубрами рушди иқтисоди минтақавӣ бо сабку услуби хоси муҳақиқӣ анҷом дода шуда, ба талаботи таҳияи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои назариявӣ ва амалӣ, дар автореферати диссертатсия чунин камбудиҳо низ мушоҳида мегардад, ки ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Дар баробари таҳқиқи моделҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ шакли корпоративии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ бо бахши хусусӣ, бахусус бо соҳибкорони ватанӣ дар раванди татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтории минтақавӣ аз назари муаллиф дур мондааст;

2. Хуб мебуд, агар, муаллиф тавсияҳо оид ба истифодабарии амалии натиҷаҳоро мустақиман ба кадом мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё шахсони муайяни бахши хусусӣ пешниҳод менамуд.

Эродҳои мушоҳидагардида сифати асосии кори анҷомдодаи муаллифро коҳиш намедиҳад. Зеро вобаста ба риояи талаботи асосӣ, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои назариявию амалӣ ба дастоварда шуда

метавонанд ҳамчун дастурҳои заминавию амалӣ дар ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Аз таҳлил ва баррасии автореферати диссертатсияи Зоҳири Тоҷидин дар мавзуи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» ба хулосае омадан мумкин аст, ки ӯ бо сабку услуби хоси таҳқиқотӣ ва қобилияти хуби эҷодкорӣ кори таҳқиқотии худро мустақилона анҷом дода, натиҷаҳои аҳаммияти назариявӣ ва амалидоштаро ба даст овардааст. Автореферати диссертатсия ба Шиносномаи тахассусҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд.

Ҳамин тарик, рисолаи диссертатсионии тақризшаванда мустақиман анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ба дастовардашуда, ба талаботҳои муқарраргардидаи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Аз ин сабаб, арзанда мешуморам, ки ба муаллифи он Зоҳири Тоҷидин дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Муқарриз,
н.и.и., дотсент, декани факултети
молиявию иқтисодии
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Фатҳуллозода А.Ф.

Суроға: 735360, Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб,
куч. С.Сафаров 16, бинои 3.
Тел: (+992 98) 801-9666; E-mail: kholiq8989@mail.ru

Имзои «Фатҳуллозода А.Ф.»-ро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳо ва КМ.
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Амиров Ф.